# ТАҲЛИЛИ
## таъсири танзимкунии лоиҳаи Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | *Лоиҳаи Тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда* |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Субъектҳои ҳисоботдиҳанда, ки дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” пешбинӣ шудаанд |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Декабри соли 2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 сентябри соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбат ба он аз 3 сенябр то 3 октябри соли 2024 гузаронида шуд |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Тартибли мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид.<br>Вобаста ба огоҳинома оид ба таҳияи лоиҳаи Тартиби болозикр Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 3 |

| | |
|---|---|
| | октябри соли 2024, №145/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 15 марти соли 2023, №1950 субъекти ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт ва аҳд бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои ҳисоботдиҳанда, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, уҳдадор аст чораҳои қатъии санҷиши дахлдор ва чораҳои дигари ба хавфҳо мувофиқро татбиқ намояд. Қобили қайд аст, ки тибқи қисми 3 моддаи 14 қонуни мазкур тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшавандаро мақоми ваколатдор *(бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2024, №846 мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом Бонки миллии Тоҷикистон муайян шудааст)* муайян менамояд.<br>Боиси тазаккур аст, ки андешидани чораҳои қатъии санҷиши дахлдор ва чораҳои дигари ба хавфҳо мувофиқ аз |

| | |
|---|---|
| | ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда нисбат ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои ҳисоботдиҳанда, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, талаботи тавсияи 19 Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) мебошад. Тавсияҳои ФАТФ стандартҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ба ҳисоб рафта, мутобиқи қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид №1617 (2005) ва 2462 (2019) давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид уҳдадор мебошанд, ки низоми миллии худро дар ин самт ба талаботи онҳо мутобиқ намоянд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани лоиҳаи Тартиби мазкур чораҳое, ки субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт ва аҳд бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои ҳисоботдиҳандаи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд бояд андешанд, мадди назар гардида, боиси баланд гардидани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар кишвар мешавад.<br>Илова бар ин, ба таври дахлдор танзим нагардидани тартиби ташаккули кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ва чораҳои нисбат ба онҳо |

| | |
|---|---|
| | андешидашаванда метавонад ба рушди хизматрасониҳои молиявӣ ва радабандии кишвар аз рӯи татбиқи тавсияҳои ФАТФ, инчунин ба вазъи иқтисодӣ ва фазои сармоягузории кишвар таъсири манфӣ расонад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом лоиҳаи Тартиби мазкурро бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:<br>- ба танзим даровардани тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин чораҳои нисбат ба чунин кишварҳо ва ҳудудҳо татбиқшаванда;<br>- пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;<br>- коҳиш додани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;<br>- мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои ФАТФ; |

| | |
|---|---|
| | - қабули санади зерқонунӣ, ки қабули он дар санади қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Тартиби мазкур бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва тавсияҳои ФАТФ таҳия гардида, тартиби ташаккул додани Феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, интишори он дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин чораҳои нисбат ба чунин кишварҳо ва ҳудудҳо татбиқшавандаро муайян менамояд.<br>Дар лоиҳаи Тартиби мазкур чораҳои зерин пешбинӣ шудааст:<br>- тартиби ташаккули Феҳристи қишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ва асосҳои барои дохил намудани давлатҳо ва ҳудудҳо ба он мушаххасан танзим карда шудааст;<br>- барои таҳияи Феҳристи зикргардида воҳиди сохтории масъул вазифадор гардида, тартиби интишори Феҳристи зикргардида дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон танзим карда шудааст;<br>- чораҳое, ки нисбат ба кишвар ва ҳудуди дорои хавфи баланд андешида мешавад, муайян гардидааст.<br>Уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳо<br>Дар лоиҳаи Тартиби мазкур барои субъектҳои ҳисоботдиҳанда уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:<br>- татбиқи чораҳои қатъии санҷиши даҳдори муштарӣ ҳангоми ба роҳ |

| | |
|---|---|
| | мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт (аҳдҳо) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд. Чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ мушаххасан дар Дастурамали №257 дар бораи санҷиши дахлдори муштарӣ *(бо Қарори Раёсати Бонки миллит Тоҷикистон аз 2 августи соли 2023, №85 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 сентябри соли 2023, №1254 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст)*, пешбинӣ шудаанд;<br>- татбиқи чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ мувофиқ ба хавф ва бо назардошти тавсияҳои департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти назоратӣ;- ба департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон хабар додан оид ба амалиёт (аҳд) бо шахсони вокеӣ ё ҳуқуқие, ки дар кишвархо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд ба кайд гирифта шудаанд ё амал мекунанд ё оид ба анчом додани амалиёт бо онҳо, новобаста аз маблағи амалиёт (аҳд);<br>- даст кашидан аз ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ё анҷом додани амалиёт (аҳд) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд;<br>- даст кашидан ё қатъ намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ ё муносибатҳои дигари ба онҳо монанд бо шахси ҳуқуқие, ки дар кишвар ва ҳудуди дорои хавфи баланд ба қайд гирифта шудааст; |

| | |
|---|---|
| | - ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда манъ намудани таъсиси **филиал** ё намояндагиҳо дар кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд.<br>Уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои мазкур бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо нисбат ба кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди алоҳида, ки номгӯи онҳо дар асоси қатъномаҳои Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва изҳороти расмии ФАТФ ташаккул меёбанд, татбиқ мегарданд.<br>Қобили қайд аст, ки уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳои дар лоиҳаи Тартиби мазкур пешбинишуда бо мақсади пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом равона гардида, аз талаботи Қонуни соҳавӣ бармеоянд ва монеаҳои барзиёдро дар фаъолияти субъектҳои ҳисоботдиҳанда эҷод наменамоянд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳаи Тартиби мазкур дар маҷмуъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани чораҳои қатъии санҷиши дахлдори муштарӣ ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани амалиёт (аҳдҳо) бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд мебошанд, равона гардида, он бо назардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории |

| | |
|---|---|
| | терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" таҳия шудааст.<br>Бидуни таҳия ва қабули ин санад аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда иҷрои талаботи Қонуни мазкур, инчунин ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва мутобиқ намудани қонунгузории кишвар ба талаботи тавсияҳои ФАТФ ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи Тартиби мазкур:<br>- ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба василаи коҳиш додани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;<br>- тақвият бахшидани низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом тавассути пешгирии осебпазирӣ, таҳдидҳо ва оқибатҳои ҳолатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар субъектҳои ҳисоботдиҳанда.<br><br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи Тартиби мазкур:<br>- барои аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ ва (ё) анҷом додани |

| | |
|---|---|
| | амалиёт ва аҳд бо шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд , ки аз Қонуни соҳавӣ бармеояд, мусоидат намуда, бо ин васила барои пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом заминаи мусоид фароҳам меорад;<br>- барои таҳкими низоми миллии муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, баланд бардоштани радабандии кишвар вобаста ба амалӣ намудани талаботи тавсияҳои ФАТФ шароит фароҳам меорад.<br>Барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта роҳҳои алтернативии дигар пайдо карда нашуд. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар ҳолати қабул гардидани лоиҳаи Тартиби мазкур тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланди қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин чораҳои нисбат ба чунин кишварҳо ва ҳудудҳо татбиқшаванда мушаххасан танзим карда мешаванд. Ба ин васила барои пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли |

| | |
|---|---|
| | ом, инчунин баланд бардоштани радабандии кишвар вобаста ба амалӣ намудани талаботи тавсияҳои ФАТФ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | Декабри соли 2024 |

И.в. раиси
Бонки миллии Тоҷикистон — Икромӣ С.С.